# Ҳамоҳангии суннатҳои миллӣ ва рӯҳи замон

(Аввалаш дар саҳифаи 1.)

Баъд композитсияи мусиқӣ таҳти унвони «Чор фасли сол» оғоз ёфта, дар он мусиқӣ, оҳангҳо, рақсҳо ва сатрҳои шеърие садо доданд, ки мазмуни фаслҳои солро ифода менамуданд.

Аввало, фасли тобистон — фасли имтиҳон ва имкон ба деҳқон, баъд тирамоҳи заррин — фасли хони пурнозу неъмат, зимистон — рамзи покиву сафедӣ ба «саҳна» баромаданд. Ана, ниҳоят, фасли аз ҳама зебо — арӯси сол Баҳор «падидор» мегардад.

Баҳор! Вақте ки мо ин калимаро ба забон мегирем, дар пеши назар як олами базеби аз гулу сумбулро тасаввур мекунем. Вақте ки Баҳор мегӯем дар пеши назар арӯси сол — Наврӯзи оламафрӯз ҷилвагар мегардад. Баҳор домани пурбаракат аст, ҳусни беҳамтое дорад. Вай рамзи ободонӣ, сарсабзиву хушбахтиҳост.

Композитсия таҳти унвони «Ҳар баҳор мешавад ин такрор» ба ҳозирин таассуроти амиқе боқӣ гузошт. Зеро дар лавҳаҳое, ки ба ҳукми тамошогарон пешкаш карда шуд, ҳусну таровати нотакрори арӯси сол акси худро ёфт.

Дар саҳна дувоздаҳ мучал пайдо мегардад ва ҳар яки он бо сифату фазилатҳояшон маънидод карда мешаванд. Ва ниҳоят дар саҳна Асп пайдо мешавад. Мувофиқи солшумории мусалмонӣ имсол Соли асп аст. Ва то соли оянда, Наврӯзи оянда ин сол «ҳукмфармоӣ» мекунад. Дуои нек карда мешавад, то ки сол бобарор ояду кишварамон шукуфон гардад...

Дар саҳна композитсияи «Сайру гашти наврӯзӣ» иҷро карда мешавад. Гурӯҳи раққосаву раққосон, ҳофизону мутрибон урфу одат, суннатҳои мардумӣ, маросиму одатҳои ба Наврӯз алоқамандро ба ҳукми тамошогарон пешкаш мекунанд. Асосан суруду мусиқии мардумӣ садо медиҳад. Наврӯзу Баҳор тараннум мегардад. Аз саҳнаҳо ва ҳунарнамоиҳо аён аст, ки Наврӯзи имсолаи мо бе шакку шубҳа бофайзтар, фараҳбахштар, ботароват мегузарад. Гӯё табиат ба ҷаҳони орзуҳои мардуми меҳнаткаши мо созиш кардааст. Шаби 20 март борони пурфайзу баракат монанди донаҳои марворид ба сари дашту даманҳои сарсабз, деҳоту шаҳрҳое, ки рӯз то рӯз қиёфаи худро тағйир дода, назарроботар мегарданд, рехт. Сабзаҳо бештар сар кашиданд. Дар қиру ёнаҳо ҳазоргуна гиёҳ нашъунамо доранд. Атри ҳаётбахше ба машом мезанад.

Бачагонояндаи моанд. Мо барои онҳо кулли шароитро барои таҳсили истироҳаташон фароҳам меоварем. Аз ҳамин сабаб шумораи соҳибистеъдоду иқтидорнок дар байни онҳо сол то сол меафзояд. Аз он ҷумла, санъаткорон ва дӯстдорони санъат ҳам. Ва ана ҳамин санъатдӯстону ҳунарварон дар саҳна пайдо шуда, маҳорати худро намоиш медиҳанд. Синну соли онҳо мухталиф аст. Дар байнашон духтарчаи сесола ҳам ҳаст, ки ҳаракатҳои чолоконаи вайро бе ҳаяҷон муоина кардан мумкин нест. Онҳо суруд, рақсҳои дӯстдоштаи худро иҷро мекунанд, баҳор, бойчечак, сиёҳгӯш, бунафша барин гулҳои баҳориро васф менамоянд. Алалхусус, онҳо афсонаи бобову момои худро бо мароқ мешунаванд ва аз он воқиф мегарданд, ки умри бадӣ кӯтоҳ аст. Мудом қувваи некӣ аз болои бадӣ ғалаба кардааст ва минбаъд низ ҳамин тавр мешавад. Дар ҳунарнамоии онҳо мавзӯи қадршиносии куҳансолон мақоми асосиро дошт ва он бесабаб нест. Дар мамлакатамон Соли эъзози куҳансолон давом дорад ва кулли тадбирҳо барои амалӣ гардондани Барномаи давлатӣ дар ин бобат андешида шудаанд.

Композитсияи мусиқӣ таҳти унвони «Гулҳои Ӯзбекистон» пешкаш карда мешавад. Ин гулҳои анвоӣ дар Ӯзбекистон бисёранд ва ҷамани ягонаро ташкил медиҳанд. Онҳо намояндагони миллатҳои мухталиф буда, аз як гиребон сар бароварда, баҳри пешрафти умум мекӯшанд.

Ва ин намоишнома бо ҳунарнамоии намояндагони вилояти Қашқадарё оғоз меёбад ва бесабаб нест. Имсол дар ин вилоят боз як ид гузаронда мешавад ва он алоқаманди 2700-солагии шаҳри Шаҳрисабз мебошад. Шаҳрисабз яке аз шаҳрҳои қадимаамон ба ҳисоб меравад ва аз ин рӯ ба рӯйхати «Арзишҳои умуминсонӣ»-и ЮНЕСКО дохил карда шудааст. Имсол 2700-солагии он дар саросари ҷаҳон, аз он ҷумла Ӯзбекистон васеъ қайд карда мешавад. Шаҳрисабз зодгоҳи Амир Темури бузург аст ва дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ нақши муҳиме бозидааст. Оқсарой барин 20 обидаи нодири таърихӣ дорад, ки алҳол тармим гардида, ба ҷашн омода мегарданд. Сурудҳо дар васфи Оқсарой, Шаҳрисабз ва мардуми меҳнатии он садо медиҳанд.

Баъд намояндагони тамоми вилоятҳо ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба саҳна мебароянд. Ансамблҳои машҳури оилавӣ, дастаҳои ҳунарӣ аз саросари ҷумҳурият ҳунари худро намоиш медиҳанд, суннатҳои мардумӣ, урфу одат ва анъаноти миллиро пешкаши умум мегардонанд. Ва онро муоина карда беихтиёр мегӯем, ки мамлакатамон то чӣ андоза соҳиби ин қадар соҳибистеъдодҳои бисёр будааcту баъди рух додани Офтоби Истиқлолият ҳунари онҳо ба рӯи об баромада, бо рӯҳи замон созгорӣ пайдо карда, торафт ҷаззобу рангин мегардад. Ӯзбекистон гулдастаи рангорангеро мемонад.

Дар байни онҳо ҳам санъаткорони касбӣ ва ҳам ҳаваскорон ҳастанд. Онҳо ҳар як суруд, ҳар як рақсро бо маҳорати ба худ хос, тобиши маҳалли худ иҷро карда, ба намоишномаи театрикунондашуда таровати махсус бахшиданд. Лапарҳо, баҳсу мунозираҳои ҳунарӣ, аскияву базлагӯӣ ба ҳозирин таассуроти амиқе боқӣ гузошт. Ҳунарнамоии бахшиён ҳам аз гулҳои рангин иборат буд ва аз он дарак медод, ки халқамон то чӣ андоза санъатдӯст асту анъанаву мероси ниёконро пос дошта, ба мазмуну мундариҷаи замонавӣ ғанӣ месозанд.

Сурудҳо, ки ба забони ӯзбекӣ, корейсӣ, қазоқӣ, тоҷикӣ, тоторӣ, русӣ, қирғизӣ ва ғайра садо доданд, рақсҳои мухталифи мансуби миллатҳои гуногун ба тантанаҳо шукӯҳи тоза бахшиданд.

Ба саҳна намояндагони эстрада баромаданд. Онҳо сурудҳоеро иҷро карданд, ки асосашро эҷодиёти халқ ташкил медиҳад. Ва он бесабаб нест. Эстрадаи миллии мо солҳои истиқлолият ниҳоят рушду камол ёфта, хусусият ва анъаноти миллиро ба худ бештар гирифтааст. Инро ҳар як тамошогаре, ки дар майдон ҳозир буд, бо чашми худ муоина кард ва шавқу завқи калони эстетикӣ бурд...

Намоишнома ба охир расида, саросари осмонро рангҳои мухталиф фаро гирифтанд, ки бар асари мушакпаронӣ пайдо гаштанд. Дар чеҳраи ҳамагон хурсандӣ, дар дилашон фараҳ, фахру ғурур ҳукмронӣ мекард.

Ба муносибати Наврӯз гузарондани намоишгоҳи ҳунармандони халқӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Ин дафъа дар қисми зиёди Боғи миллӣ намунаҳои мухталифи маҳсулоти ҳунармандӣ ба намоиш гузошта шуда буданд.

Баъди тантанаҳои идона Президент Ислом Каримов намоишгоҳи мазкурро муоина намуд.

Сардори давлатамон дар ҳамин ҷо бо намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ вохӯрд ва зикр намуд, ки Наврӯз аз дигар идҳо ба куллӣ фарқ мекунад.

— Наврӯз иди аз ҳама қадимаву ҳақиқатан миллист, — гуфт Президент. — Дар «Авесто» маълумот ҳаст, ки халқи мо ҳазорон сол пеш аз ин иди Наврӯзро ҷашн гирифтааст. Ман Наврӯзро рамзи умед, боварӣ ва хушу хурсандӣ мепиндорам.

Дар ин лаҳзаҳо ба хаёлам мисраи машҳури Алишери Навоӣ «Ҳар рӯзат Наврӯз бод!» омаданд, — суханашро идома дод Президентт. — Дарҳақиқат, рӯҳи болида, чеҳраҳои хандони одамон, махсусан бачагонро дида, аз Оллоҳ бори дигар мепурсам, ки шаҳрвандони моро мудом дар ҳамин кайфият нигаҳ дорад. Ман ба он мӯътамад ҳастам, ки рӯзи ояндаамон аз ҳоло ҳазорҳо маротиба равшану фаровон мегардад. Халқе, ки ҳамин қабил идро бо кайфияти болидаву хушу хурсанд мегузаронад, аз ягон кас кам намегардад.

Сардори давлатамон махсусан зикр намуд, ки дар соли 2002 дар мамлакатамон дар ҳамаи соҳаҳо дигаргунсозиҳои калон рух медиҳанд ва барои он тамоми асосҳо ҳаст.

Ҳамон рӯз ин шукӯҳ, ин фараҳ дар майдону боғ ва хиёбонҳои пойтахти ҷумҳурият, дар ҳамаи вилояту ноҳияҳо, шаҳрҳо, деҳаву шаҳракҳо ва оилаи шаҳрвандони ҷумҳуриятамон ҳукмрон буд ва алҳол низ идома дорад. Зеро иди Наврӯз иди якрӯза нест. Ва он дар саросари ҷумҳурият идомаи худро меёбад.

Тантанаҳо як чизро собит карданд. Наврӯз иди аз ҳама азизу аз ҳама мукаррами мардумиамон аст. Азбаски решаҳои он аз қаъри таърих об мехӯрад, ҳеҷ гоҳ қалбу рӯзгори моро тарк намекунаду бо мазмуну мундариҷаи нав пайваста ғанӣ мегардад. Яъне суннатҳои мардумӣ бо рӯҳи замон созгорӣ пайдо карда, мазмуну мундариҷаи нав пайдо мекунанду аз қалбамон сахт маъво пайдо менамоянд.

**Э. ТУРДИҚУЛОВ.**

**Дар суратҳо:** лаҳзае аз тантанаҳои наврӯзӣ дар Хоразм.

**Аксбардор Р.ҶУМЪАНИЁЗОВ. (ӮзА).**



# Ғолибони «Ташаббус — 2002»

Озмун таҳти унвони «Ташаббус — 2002», ки дар саросари ҷумҳурият ду моҳ давом кард, поён ёфт. Марҳилаи аввали он дар ноҳияҳо ва баъд дар вилоятҳо гузаронда шуда, ғолибони онҳо — беҳтарин тадбиргарон, фермерон ва ҳунармандон ба марҳилаи ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд.

19 март 41 нафар вакилон аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳамаи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд дар Қасри «Туркистон»-и пойтахт ҷамъ омада, маҳсули дасти худро ба аъзоёни ҳакамоти пурсалоҳият ва тамошогарон пешкаш карданд. Бояд тазаккур дод, ки аксари ин маҳсулот дар пойгаҳи талаби андозаҳои ҷаҳонӣ тайёр гардида, ба чӣ гуна имконияти калон молик будани соҳибкории хурду миёнаро бори дигар намоиш дод.

Ҳамин тавр, аз рӯи номинатсияҳои «Тадбиргарӣ аз ҳама беҳтарин», «Фермери аз ҳама беҳтарин» ва «Ҳунарманди аз ҳама беҳтарин» ғолибон муайян гардиданд. «Тадбиргари аз ҳама беҳтарини ҷумҳурият сардори корхонаи тиҷоративу истеҳсолии «Сайқал»-и шаҳри Фарғона Абдураҳмон Ниёзов дониста шуд. Ҷойҳои дуюм ва сеюм насиби сардори фирмаи хусусии «Ал-Саид»-и шаҳри Қаршӣ Маҳмуд Сайдалиев, роҳбари корхонаи истеҳсолии «Фармасам СО ЛТД»-и ноҳияи Ҷомбой Камолиддин Маҳмудов гардид.

«Фермери аз ҳама беҳтарин»-и ҷумҳурият сардори хоҷагии фермерии «Лочин»-и ноҳияи Деҳнав Аҳмад Нарзуллоев дониста шуд.

Ҷойҳои дуюм ва сеюм насиби сардори хоҷагии фермерии «Оқсув»-и ноҳияи Қӯрғонтеппа Алиҷон Аҳмедов, сардори клуби ҷустуҷӯгарони «Поток» — шаҳри Зарафшон, ки бо соҳаи кишоварзӣ машғуланд, гардид.

«Ҳунарманди аз ҳама беҳтарин»-и ҷумҳурият мусаввири тошкандӣ Шорасул Шоаҳмедов дониста шуд. Ҷойҳои дуюм ва сеюм насиби ҳунармандон Зокирҷон Ғафуров, аз Фарғона ва Нутфулло Саидов, аз ноҳияи Ургут гардид.

Ғолибон бо медалҳои тилло, нуқра, биринҷӣ ва тӯҳфаҳои қиматбаҳо тақдир гардиданд. Аз он ҷумла, онҳое, ки ҷои аввалро ишғол намуданд, ҳар кадом соҳиби мошини сабукрави «Матиз» гардиданд, ки тӯҳфаи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Каримов ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин аз рӯи равишҳои «Бонувон — тадбиргари беҳтарин», «Корхонаҳое, ки аз ҳама бештар маҳсулотро ба содирот баровардааст», «Омӯзгори аз ҳама беҳтарин аз рӯи менеҷмент», «Андозсупори аз ҳама интизомнок», «Тадбиргари аз ҳама ҷавон», «Нуронӣ — тадбиргарӣ аз ҳама беҳтарин», Паёмнигору журналисти телевизионе, ки фаъолияти тадбиргариро аз ҳама хуб равшан кардааст» ғолибон муайян гардиданд ва тӯҳфаҳо супурда шуданд.

Ба ҷуз ин дар Қасри «Туркистон» озмуни ҷумҳурӣ таҳти унвони «Вилояте, ки шароити хуби сармоягузорӣ ва ҳуқуқиро барои соҳибкории хурду миёна, тадбиргарии озод фароҳам овардааст», ҷамъбаст гардид.

Вилояти Андиҷон дар ин бобат аз ҳама беҳтарин дониста шуд.

Ташаббускори гузаронидани ин озмуни баобрӯ кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ, Палатаи молофарандагон ва тадбиргарон, Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ, Ассотсиатсияи ҳунармандони «Ҳунарманд»-и Ӯзбекистон, дигар вазорату ташкилот ва муассисаҳо буданд.

**(Хабарнигори мо).**

## Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

# Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба таъмини сари вақт додани музди меҳнат

Ба мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон, баланд бардоштани масъулияти субектҳои хоҷагидорӣ барои сари вақту пурра додани музди меҳнат ба коркунони корхонаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Аз 1 апрели соли 2002 аз ҷониби корхонаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, амалӣ гардондани музди меҳнат дар шакли натуравии молҳо, ба ғайр аз маҳсулоти кишоварзии истеҳсолоти худӣ ва маҳсулоти азнавкоркарди он аз рӯи нархҳои шартномавӣ, ки аз тарафи молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо аризаи хаттии коркунон ҷудо мегардад, манъ карда шавад.

2. Ба бонкҳои тиҷоратӣ супурда шавад: вомдиҳиро ба субъектҳои хоҷагидорӣ барои додани ҳаққи музди меҳнат таҳти кафолати зарурӣ, аз он ҷумла, ба гарав мондани амволи дорои ликвиди воло(аз он ҷумла, объектҳои истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, воситаҳои нақлиёт ва дигар активҳои ликвидии корхонаҳо ва ташкилотҳо) амалӣ гардонанд. Муқаррар карда шавад, ки ҳини сари вақт барнагардондани воми додашуда амволи ба гаравгузошташуда, новобаста аз ризоияти қарзгиранда, ба амволи бонки тиҷоратӣ бо ҳуқуқи минбаъда фурӯхтани он мувофиқи тартиби муқаррааргардида мубаддал меёбад;

ҳаҷми хизматрасонии бонкиро оиди додани музди меҳнат тавассути картoчкаҳои электронии пластикӣ вусъат дода, шабакаи банкоматҳои дахлдорро зиёд кунанд.

3. Муқаррар карда шавад, ки сарварони вазоратҳо, идораҳо, иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, барои сари вақту ба пуррагӣ додани музди меҳнат шахсан ҷавобгар мебошанд.

Ба сарварони иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои ҳисоби хоҷагӣ новобаста аз шакли моликият супурда шавад:

дар бадали як моҳ ҷадвали тарифи оид ба додани музди меҳнат бо назардошти баланд бардоштани нақши рағбатноксозии он аз нав дида баромада, мувофиқати оптималии байни қисмҳои тарифӣ ва ғайритарифии хазинаи музди меҳнатро таъмин созанд;

ҳатман дар шакли хаттӣ ба ҳар коркун қисмҳои таркибии музди меҳнатро, ки ба он дар давраи дахлдор мансуб аст, ҳаҷмҳо ва асосҳои боздошта мондан, ҳамчунин маблағи умумии пулеро хабардор созанд, ки ба додан мансуб мебошад.

4. Ба Прокуратураи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки назоратро аз болои аз тарафи сарварони субъектҳои хоҷагидорӣ қатъан риоя намудани тартиби мувофиқи қонунгузорӣ муқаррар гардида сари вақт додани музди меҳнат пурзӯр гардонад ва дар мавриди сар задани қарздории дарозмӯҳлат оид ба музди меҳнат шахсони айбдорро ба ҷавобгарӣ, аз он ҷумла ҷавобгарии ҷиноӣ кашад.

5. Ба Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон, шӯроҳои соҳавии иттифоқҳои касаба тавсия карда шавад, ки якҷоя бо вазорату идораҳо тадбирҳои иловагиро оиди баланд бардоштани нақши шартномаҳои коллективӣ, дигар санадҳои маърифати субектҳои хоҷагидорӣ дар бобати танзими музди меҳнат ва таъмини сари вақт додани маблағ андешанду зимни он ҷавобгарии моддии кордиҳандагонро барои сари вақт надодани музди меҳнат пешбинӣ намоянд.

6. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали ду ҳафта:

ба Девони Вазирон таклифро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ, ки аз қарори мазкур бармеояд, ҳамчунин пурзӯр кардани ҷавобгариро минҷумла ҷавобгарии моддиро ба сарварони вазоратҳо, идораҳо, субектҳои хоҷагидорӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ барои сари вақт таъмин накардани додани музди меҳнат ва ё амалӣ гардондани пардохт дар шакли манъшуда пешкаш намояд;

санадҳои меъриии идоравиро ба талаби қарори мазкур мувофиқ гардонад.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Азимов ва раиси Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ф.Муллоҷонов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
19 марти соли 2002.

# Шоми навбатии Индонезия

***Роҳҳои гуногуни тарғиб ва намоиши фарҳанг мавҷуд аст, ки яке аз ин роҳҳоро сафоратхонаи Индонезия солҳои охир хуб истифода менамояд. Сафоратхона солҳои охир онро соле як дафъа бо номи «Шоми Индонезия» дар Тошканд баргузор мекунад.***

Аз рӯи суханони сафири Индонезия дар Ӯзбекистон Ронӣ Ҳидоят Гастин бармеояд, ки имсол «Шоми Индонезия» аз солҳои пешин васеътар ва пурмазмунтар тартиб дода мешавад.



*Рақси дугоник.*

Зеро дар якҷоягӣ бо меҳмонхонаи «Буми Тошканд интернешнл» (собиқ «Тата», «Ле Меридиан»), ки роҳбарияти онро ҷониби Индонезия ба ӯҳда дорад, дар як шоми 29 марти соли ҷорӣ фарҳангу таом ва маҳсулоти ин кишвар дар ин меҳмонхона бо тамоми ҷилои худ ҷилва дода мешавад. Бо ин мақсад роҳбарияти меҳмонхонаи «Буми Тошканд» аз Индонезия гурӯҳи раққосу ҳофизонро даъват хоҳад кард, ки онҳо барои ҳозирон ҳунарҳои миллии халқҳои гуногунмиллати мамлакатро нишон медиҳанд.

Албатта дар ин шом асбоби мусиқии ангклунг навохта мешавад, ки аз маҳбубтарин асбобҳои миллии мусиқӣ ба шумор меравад. Дар ин барнома намоиши либосҳои миллӣ низ намоиш дода мешавад, ки онро донишҷӯёни Донишгоҳи забонҳои ҷаҳони Тошканд ба бар мекунанд, ки онҳо дар ин донишгоҳ забони индонезиро низ меомӯзанд.

Дар театри миллии драма (собиқ Ҳамза) 30 март якҷоя бо ҳунармандони Ӯзбекистон барномаи якҷояи ҳунарӣ намоиш дода мешавад, ки он якҷоя бо Бунёди байналмилалии ЭКОСАН анҷом дода мешавад. Интизорӣ меравад, ки ин шоми ҳунарӣ низ ба маҳфили дӯстии ду кишвар табдил хоҳад гардид. Ва умуман мақсади созмондиҳандагони ин маҳфилҳо низ шинос намудани ҳунару фарҳанги Индонезия барои Ӯзбекистон мебошад, ки ҳоло ягона роҳи он танҳо аз тариқи «шомҳои» Индонезия анҷом дода мешавад.

**Т. ИКРОМОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

# Буддопарастӣ ва «Роҳи бузурги абрешим»

***Чунин аст унвони шартии филми манзаравие, ки ширкати «Узавтойӯл» дар чаҳорчӯбаи фаъолияти Маркази таҳқиқи Роҳи бузурги абрешим ба навор мебардорад.***

***Ҳангоми ҷамъоварии маводҳо барои филм, ки бардоштани акси осори осорхонаҳо ва ёдгориҳои археологии вобаста ба буддопарастиро ҳам дар назар дорад, хабарнигорони оҷонсии иттилоотии «Ҷаҳон» бо мутахассисони шинохтаи таҳқиқоти соҳа ҳамсӯҳбат шуданд.***

Равшан аст, ки ҳудуди Ӯзбекистон, ки дар маркази Роҳи бузурги абрешим, дар чорсӯи роҳи корвонгузори ин шоҳроҳи бостонии байниқитъавии савдо қарор дораду давлатҳои Шарқ ва Ғарбро ба ҳам пайвастааст, анқариб 20 аср муқаддам боиси доман густурдани дини буддой ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ гардидааст.

Буддопарастӣ аз динҳои қадимитарини ҷаҳон ба шумор рафта, тақрибан 25 аср қабл аз ин дар пояи донишҳои диниву фалсафии Ҳиндустон пайдо шудааст. Дар ташаккулёбӣ ва нуфузи он, эҳтимол аст, ки нуктаҳои фалсафиву ахлоқии ёдгориҳои адабиёт ҳамчун Веда ва Овисто (китоби зардуштиён), ки решаҳои боз ҳам амиқтари бостонӣ доштанд, таъсир кардаанд. Ғояҳои асосии буддопарастӣ, ки аҳкоми ҳаёт «азияткашист» ва «Роҳи наҷот ҳаст» мебошад дини буддоро ба динҳои дигар зид намегузорад. Ин ҷиҳат бешубҳа сабаби бо дигар тамаддунҳо ва оинҳо омехтани онро, ҳамчунин барои мустаҳкам мавқеъ ёфтани он дар дигар кишварҳо ва минтақаҳо мусоидат намуд.

Поягузори буддопарастӣ — Буддо шахсияти таърихист, ӯ шоҳзода Сиддхарта Гауштам мебошад, ки 80 сол умр дидааст ва нисфи ин умрро дар сайру саёҳат ва тарғибу ташвиқи ақидаҳои худ гузаронидааст. Ҳангоми зиндагии ӯ ҷамъиятҳои аввалини буддопараст — сингхҳо созмон ёфтаанд.

Ибтидои бунёди буддопарастӣ ҳамчун дини ҷаҳонӣ дар замони шоҳигарии шоҳи машҳури ҳинд Ашок (солҳои 268-231-и пеш аз милод) буд, ки ҷамоаи III буддоиро ҷамъ овард. Дар он қарор қабул гардид, ки намояндагони ин дин ба хориҷи Ҳиндустон, ба шоҳигариҳои дигар барои тарғибу ташвиқи дини нав фиристода шаванд. Сазовори зикр аст, ки бо ин мақсад дар сангхҳо матнҳои хутбаҳо ҳак гардидаанд. Чунин матнҳои дар сангҳо ҳакнокӣ шуда дар ҳудуди Афғонистон ҳам пайдо гардиданд, ки дар он замон замини Ӯзбекистони имрӯза ҳам ба он пайванд буд. Зикр бояд сохт, ки дар он замон сулолаи салчуқиён, баъдтар, аз мобайни асри сеюми пеш аз милод салтанати Юнону Бохтариҳо ҳукмронӣ доштанд.

Бинобар фикри баъзе олимон шояд аллакай дар ҳамон замон, ё худ дар қарнҳои II-I-и қабл аз милод буддопарастӣ ба маърифати давлатҳои ҳамҳудуд, ки имрӯз қаламрави Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои Осиёи Миёна ба шумор меравaнд, ворид гардид. Тақрибан 2000 сол муқаддам дини буддой дар қаламрави салтанати Кӯшониён васеъ паҳн мегардад. Он замон ин салтанат заминҳои Афғонистон ва Ҳиндустони шимолиро дар ҳукми худ дошт. Буддо замони шоҳигарии Канишка (нимаи аввали асри 11-и пеш аз милод) дини давлатӣ гардид. Бо вуҷуди он буддопарастӣ бо тамаддуни сулолаи кушониён ва дини зардуштиёни куҳан, оинҳои Овисто ва маздакпарастӣ, ки дар ин ҷо ҳамоҳангии оинҳои мисрию римӣ, эллинҳо ва бохтарию ҳиндӣ мавҷуд буданд, бархӯрд намекард.

Нақши бузургро дар паҳн гардидани буддопарастӣ ба Шарқ Роҳи бузурги абрешим ва савдогарону диндорони суғдию бохтарӣ бозиданд. Ба шарофати онҳо дар қарни якуми пеш аз милод ин оин ба Чин, дар қарни IV ба Куриё ва дар қарни VI ба Ҷопон ворид гардид.

Нафақат сарчашмаҳои хаттии Чини қадим ва асри миёна, балки ёдгориҳои археологие, ки дар Ӯзбекистон ёфт шудаанд, аз ҷумла ёдгориҳои дар водии Фарғона ва вилояти Сурхондарё пайдошуда (дар ин ҷо аз бист ёдгориҳои бузургтарини оид ба дини буддоии аз Осиёи Миёна пайдошуда дахтояш мавҷуданд) ҳуҷҷати тасдиққунандаи паҳншавии ин дин буддой вобаста аз атрофи шаҳри Тирмиз ва аз шаҳраки Далварзинтеппа, ки 120 километр дуртар аз шаҳри Тирмиз қарор дорад, дарёфт шудаанд.

— Дар шаҳраки Далварзинтеппа, ки яке аз пойтахтҳои салтанати Кушониён ба шумор мерафт дуто ёдгории дини буддопарастӣ ёфт шуд, — мегӯяд мудири шӯъбаи пажӯҳишгоҳи санъатшиносии Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон, узви вобастаи Донишкадаи археологии Берлин, роҳбари экспедитсияи ӯзбекистонию ҷопонӣ, номзади улуми торих Баҳодур Турғунов. — Ин ёдгориҳо ҳар кадом қариб 3 метр баландӣ доранд. Дар қарибии онҳо боз чандин ёдгориҳои гуногуни ба ин дин вобаста мавҷуданд.

Ногуфта намонад, ки бинобар бузург будани миқёси корҳои заминканӣ ва сарҳади ин сохтмони бузурги буддой он то ҳанӯз ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Яъне ҳам бозёфтҳои ин ҷо ва ҳам мавзеи кофтуков интизори ҷӯяндагони дақиқ ва ҳомиёни худ мебошанд.

Қайд бояд кард, ки ба омӯзишу таҳқиқи ёдгориҳои буддоии атрофи Сурхондарё ҳанӯз солҳои 30-юми асри XX ибтидо гузошта шуда буд. Ҳамон вақт дар мавзеи Айртам, ки дар даҳ километр дуртар аз Тирмизи шарқӣ дар соҳили дарёи Аму қарор дошт, бо роҳбарии асосгузори мактаби ҳафриётшиносии Осиёи Миёна, профессор М.Е.Массон кофтуковҳои аввалини ин иншооти қадима сар шуда буданд. Дар ин ҷо ду маҷмӯаи буддоии замони кушониён (асрҳои I-II-и милодӣ) мавҷуд буданд. Дар яке аз онҳо, ки дар баландӣ ҷойгир буду бо девор печонида шуда буд, вайронаҳои иморатҳо, маъбуд, сутуни росткунҷа, ҳамчунин боқимондаҳои сангии осори бадеи ва ғайра пайдо шуданд. Баробари ин дар ҳамин ҷо соли 1979 як қисми релефи сангии дупайкара пайдо гардид. Навиштаҷоти шашсатраи бохтарии он бо алифбои юнонӣ иҷро гардида буду аз хусуси корҳои бунёдкорӣ ва барқарорсозӣ нақл мекард.

Ин кашфиётҳои бузурги археологҳои Ӯзбекистон нафақат имкон доданд, ки саҳифаҳои нави торихи кишвари мо рӯшан гарданд, балки боз имконият фароҳам оварданд ки мероси бузурги миллии тамаддуни мо ба ганҷинаи фарҳанги ҷаҳонӣ ворид гарданд.

**С. ҚУРБОНОВ, Ғ. ШУКУРОВ, ОИ «Ҷаҳон».**

# Хайём ва оламиён

## Хайём ва Гулрухсор

Баъзан дар ҳаёт тасодуфҳое рух медиҳанд, ки ғайричашмдошт, аз он чизи нав ба дунё меояд. Рӯзномае ба дастам афтод. Дар он хабаре ба табъ расида буд, ки театри машҳури Ла-Скалои Италия дар тараддуди ба саҳна гузоштани монооперави Умари Хайём будааст. Дарҳол Маҳмудҷон Воҳидови зиндаёд ба ёд омад. Ҷозибаи хониши ӯ Хайёмро на танҳо дар Душанбе, дар Тошканду Маскав ва дар бисёр шаҳрҳои дигари ҷаҳон зинда мекард...

Ҳамин андешаҳо ва афсуси марги нобаҳангоми Маҳмудҷон Воҳидов дар сар, гӯшаки радиоро тоб додам. Мусоҳибае аз Гулрухсори тоҷик ба гӯш расид. Ин шоираи хайёмтабъ, ки аз навиштаҳояш на фақат дарди ҷомеа, ишқи пок ба Худованд, Замин ва Инсон эҳсос мешаванд, инчунин бӯи Хайём меояд. Ӯ «Гулчини рубоиёти Умари Хайём»-ро ба чанд забон (инчунин ба русӣ) дар Маскав ба чоп ҳозир намудааст. Муаллиф ва мураттиби китоби тозатарини Хайём дар мусоҳиба гуфт, ки аз 5000 рубоиёте, ки ба Хайём нисбат медиҳанд, 350-тоашро баргузида, аз он 250-тоашро тарҷума кардааст. Ҳамчунин бо завқ ва ифтихор таъкид намуд, ки барои табъу нашри ин асар чандин нашриёт аз омодагии хеш ба ӯ хабар додаанд. Ва, ниҳоят, нашриёти «Совершенно секретно» дар коғази аълосифат китоби Хайёмро мунаққаш ва сайқали зебо чоп кард. Ин, бешак, дар «Соли гуфтугӯи тамаддунҳо» армуғони хубе аз ҷониби «Пайванд» ба ҳаводорони ашъори пурҳикмати Хайём хоҳад буд.

Ба гуфти Гулрухсор дар ин китоб ӯ «Хайёмро аз майкада берун овардааст». Ростӣ ҳам, то ин дам ӯро ҳамчун шоири бодапарасту харобтӣ ва даҳриву ринд талқинаш мекунанд. Дар бисёр маврид ба мусулмонии ӯ шак ҳам овардаанд. Оё дар асл ҳам Хайём чунин аст?

— Магар Хайём фақат шоири рубоигӯй буд?

Саҳми ӯ дар рушди илми риёзӣ, ҳандаса, нуҷум, тибб, фалсафа, мусиқӣ, дини ислом аз рубоигӯияш камшӯҳрат набудааст.

Дарвоқеъ, рубоиёти ӯ аз форсӣ бори аввал ба кадом забон тарҷума шуд? Тасодуфе, ки дар боло зикраш рафт, маро ба ин андеша овард.

## Фичералд ва Хайём

### (Оё ӯ нахустин тарҷимони осори Хайём буд?)

Бино ба сарчашмаҳои илмӣ, рисолаву мақолаҳо, садои Хайём аз Машриқ тавассути Урупо ба оламиён гӯшрас шудааст. Томас Хайд — мусташриқи пуршӯҳрати инглис соли 1700 дар Оксфорд китобе ба нашр мерасонад, ки унвони вай «Таърих ва адёни форсҳои қадим» ном гирифтааст. Муаллифи инглис дар ин китоб оиди баъзе аз нобиғагони илму адаб маълумот дода, минҷумла аз Ҳофизу Хайём ёдовар мешавад. Ва як рубоии Умари Хайёмро ба лотинӣ намуна меоварад. Баъди як аср шарқшиноси австриягӣ Ф.Домбий дар грамматикаи худ, ки соли 1804 дар Вена рӯи чопро дид, чанд рубоии Хайёмро ба табъ расонида, ҳаводорони ашъори Хайёмро дар Урупо афзуд. Дар соли 1818 шоире, ки ба мавзӯи Шарқ майл дошт - Оузлей низ чанд рубоиёти Хайёмро ба забони инглисӣ тарҷима менамояд.

Фақат баъди ӯ, Эдуард Фичералд (1809-1883) рӯ ба каъбаи ҳазрати Хайём меоварад. Ва номи худ низ аз ҳамин раҳ ҷовидон намуд. Фичералд 111 рубоиёти Хайёмро тарҷима карда ба инглисдонҳои дунё (дар соли 1859) пешкаш намуд. Ин «Рубоиёт» Хайёмро ва Хайём тарҷимони хеш - Фичералдро ҷаҳонгард сохт, умри ҷовидона дод. Хайём ба забони франсавиҳо тавассути тарҷимаҳои Николай аз соли 1867 сар карда ворид мегардад.

Дар адабиёти ӯзбек Умари Хайём тавассути тарҷумаи безаволи Шоислом Шомуҳаммадов (дар солҳои 70-и садаи XX) мавқеи устувор ёфт.

Чун қаблан сухан аз боби тарҷимаи рубоиёти Хайём ба русӣ рафт, месазад аз аввалин тарҷима дар ин соҳа чанд ҳарф зад. «Вестник Европи» соли 1891-ум 16 рубоии Хайёмро дар тарҷимаи шоир Василий Величко чоп кардааст. Ҳамин тарҷимон баъдан (с.1903) боз 19 рубой ва маҷмӯан 52 рубоии Умари Хайёмро тарҷима ва чоп менамояд. (Тавре, ки хайёмшиносон, (аз ҷумла, Усмони Назир) қайд менамоянд, на ҳамеша ба тарҷимонҳо муяссар шудааст, ки дар қолаби рубой он, чӣ шоир мехост, ифода намоянд. Чуноне, ки Величко аз 52 рубой фақат дар 5 тоаш ҳаҷм ва шакли рубоиро ҳифз намудаасту халос, тарҷимаи дигар рубоиёти Хайём аз 5 то 16 сатрро дар бар гирифтааст. Метавон гуфт, ки тарҷимонҳо ҳатто дар 16 сатр низ он, чӣ Хайём гуфта, натавонистаанд, тарҷима намоянд. Бо вуҷуд, каломи Хайём дар тамоми олам, ба чандин забонҳо дӯстдорон ёфт. Аммо китоби Гулрухсор дар ин ҷода пурарзиштарин хоҳад буд. Чунки Гулрухсор бӯи Хайём ва рӯҳи Хайёмро нағз мефаҳмад, аз фалсафаи шоир бархурдор, ба тамоми маънӣ онро идрок менамояд.

## Хайём ва сармояи ин мулки ҷаҳон...

Тавре маълум, таваллуди Ғиёсуддин Абдулфатҳ Умар ибни Иброҳим Хайёми Нишопурӣ (чунин аст номи мукаммали ин ҳакими бузург) 18 маи соли 1048 сабт шудааст. Яъне, замони мо то асри Хайём қариб даҳ аср фосила, фарқ ҳаст. Ба ин нигоҳ накарда рубоиёти ӯ аз насл ба насл, аз забон ба забон мегузарад. Ин мероси гаронмоя барои ҳама солу замон, минҷумла барои ҳаводорони адабиёти форсии муосир низ пурарзиш, қобили таваҷҷӯҳи хосса мебошад. Сабаби аслии дарозумрӣ ва қобили қабули ҳамагон қарор ёфтани рубоиёти шоир дар он аст, ки ҳар як сатр, ҳар як байт ва ҳар як рубоии ӯ ба бинои мӯҳташаме мемонад, ки деворҳои вай аз хишти пухтаи ҳикмат қад рост намуда сақфу фаршаш аз фалсафаи ҳаёт сайқал ёфтаанд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ Хайёмро на фақат дӯсти наздики хеш, инчунин ӯро устоди худ баршумурда, дар рисолааш Хайёмро дар қатори мунаҷҷимони машҳур зикр кардааст. Ҳол, ин аст, ки Умари Хайём пеш аз ҳама риёзидони беназир, мунаҷҷими беҳамто, файласуфи соҳибшӯҳрат, донишманди нуктасанҷ, мусиқишиноси борикбин будааст. Гуфтани шеър - рубой барояш тафреҳ, он аксаран дар ҳошияи рисолаву асарҳои илмӣ иншо шудаанд.

Тақвими Хайём дақиқтарин, ҳатто аз тақвими кунунӣ-григорианӣ саҳеҳтар будааст. Инро оламиён тан гирифтаанд. Алҳол вай дар Эрон мавриди истеъмол аст. «Наврӯзнома»-и Хайём дар олами форсигӯён шӯҳрати хосса дорад. Мегӯянд, ки он чӣ Умари Хайём дар замони худ дар соҳаи риёзиёт ба даст овард, дар ғарб танҳо баъди 400 сол ба он поя расидаанд.

Қаблан сухан аз сабаби дарозумриву ҷовидонии умри рубоиёти Хайём рафт. Дар идомаи маънӣ ёдрас шудан ба маврид аст, ки шоир ба ҳаёт меҳри беандоза дошт. Сабзаҳои навруста, замини одамзо ва одамхор барояш муқаддас: Ва аммо инсон аз ҳама муқаддамтар ва муқаддастар ситоиш шудаанд. Ин аст, ки умри инсониро ниҳоят кутоҳ, ба мисли бод гузарон мегӯяд. Ӯ ҳар як лаҳзаи нафасе аз умрро сармояи мулки ҷаҳон мехонад. Ба оламиён таъкид менамояд, ки ин умр агар хуб гузаронӣ ва, агар бад гузаронӣ низ бигзарад. Беҳтар аст, он ба шодмонӣ гузарад. Рӯзе, ки гузаштрафт. Аз ӯ ёд макун. Фардо ки наёмадааст, фарёд макун, — мегӯяд шоир.

Яъне: ҳоҷат бар он нест, ки дар ин умри кутоҳ аз ҳар лаҳзаҳои дилхароши умр (гарчи он кам нест!), ёд кард, аз он чи фардо хоҳад шуд (агарчи мушкилоти бештар дар пеш аст!), набояд фарёд кард. Беҳтар ҳамин, ки ба қадри имрӯз расӣ - ҳамин лаҳзаи умрро ба хушӣ, босамар сипарӣ намой:

*Рӯзе, ки гузаштаст, аз ӯ ёд макун,*
*Фардо, ки наёмадаст, фарёд макун.*
*Бар н-омадаву гузашта бунёд макун,*
*Ҳолӣ хуш бошу умр бар бод макун.*

*Акнун, ки ҷаҳонро ба хушӣ дастрасест*
*Ҳар зиндадилеро сӯи саҳро ҳавасест.*
*Бар ҳар шохе тулӯи мӯсодастест,*
*Дар ҳар қафасе хурӯши исонафасест.*

*Он кист, ки дил ниҳоду Фориғ биншаст?*
*Пиндошт, ки мӯҳлатеву таъхире ҳаст.*
*Гӯ хайма мазан, ки мех мебоядканд,*
*Гӯ рахт манеҳ, ки бор мебояд баст.*

*Абр омаду боз бар сари сабза гирист,*
*Бе бодаи арғувон намебояд зист.*
*Ин сабза, ки имрӯз тамошогоҳи мост,*
*То сабзаи хоки мо тамошогоҳи кист?*

*Бартар зи сипеҳр хотирам рӯзи нахуст,*
*Лавҳу қаламу биҳишту дӯзах меҷуст.*
*Пас гуфт маро муаллим аз рӯзи нахуст:*
*«Лавҳу қаламу биҳишту дӯзах бо туст».*

## Китоби қадимтарин бахшида ба Хайём дар Кобул аст?

Вақте, ки аз радио китоби нави Гулрухсор «Гулчини рубоиёти Хайём»-ро шунидам, мурғи хаёлот маро ба сайри ҷангалистони сарсабзи айёми ҷавониам-ба Афғонистон бурд. Он ҷо ман соле чанд бо тақозои ҳаёт сафари хидматӣ доштам. Аз ҳамин боис бо бисёр аз мӯътабарин ошной доштам ва дар дафтарчаи ёддоштҳо зикри хотирот дорам. Дар яке аз сафаҳоти он чунин сатрҳоро дарёфтам, ки мавриди зикраш ҳамин аст.9.12.1973. Китобхонаи Пуҳантуни (Университети ) Кобул. Ба ин ҷо мувофиқи хоҳиши мудири он Муҳаммадиброҳими Сутуда омада будам. То дар кори ба тартиб андохтани адабиёти руситабъ ва таҳияи «картотека» кӯмак расонам. Бо ҳамин баҳона бо Муҳаммадсолии Парвонто шинос шудам. Вай аз китобдорони машҳури Кобул буд. Девони комили Мутрибии Самарқандӣ ва чанд китоби дигареро, ки ҳар кадом аз дигараш пурқиматанд, дар дасти ӯ маҳфуз будаанд. Он чӣ аз ӯ гапи нав шунидам, ҳамин буд, ки вай китобе дорад ба номи «Рафтани Хайём ба Бухоро» ва он аз 1200 саҳифа иборат аст. Ба нақли Парвонто Хайём табъи баланди мутоибанигарӣ низ дошта, дар ин хусус ҳикоят ва ривоятҳои ҷолибтарин дар ин китоб зикр ёфтааст. Ҳамчунон тазкирае дорад, ки 40 нафар шоираҳоро дар бар гирифтааст.

Баъди тавсифи бисёр аз хусуси китоби «Рафтани Хайём ба Бухоро» мусоҳиби ман-устод Парвонто таъкид намуд, ки он китоб нодиртарин ва аз ҳама қадимитарин, дар замони Хайём китобат шудааст. Сипас, дар бораи равобити Низомулмулк (Абӯали Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ) бо Умари Хайём сухан карда китоби ӯ — «Сиёсатнома»-ро пеш овард. Иқтибосҳои зайл аз он китобанд:

«Омири шаҳри Ҳамс ба Умари Абдулазиз набишт, ки девори шаҳри Ҳамс хароб шудааст, онро иморат бояд кардан. Ҷавоб набишт, ки баҳри шаҳри Ҳамс аз адл девор бояд кард. Роҳҳо аз зулму хавф пок кун, ки ҳоҷат нест ба гилу хишт ва сангу гаҷ...», «Ва доноён гуфтаанд, ки тадбири яктана чун зӯри якмарда бошад ва тадбири дутана чун зӯри думарда аз тадбири даҳтана чун зӯри даҳмарда ва ҳар чӣ бештар-қавитар».

Аз тақдири минбаъдаи он китоб дигар хабаре надорам. Аммо, аз манобеъи дигар маълум аст, ки Умари Хайём таълимоти ибтидоиро дар Нишопур ба даст оварда, баъд ба Балх рафта таҳсили илм гирифтааст. Дар замони хуруҷи низоъҳо, ҷангу ҷидол дар Хуросон ӯ роҳи Мовароуннаҳрро пеш мегирад. Вай аввал ба Самарқанд омада, чанд муддат зист ва эҷод намуд. Ин ба солҳои 1066-1070 рост меояд. Дар Бухоро то соли 1074 будааст.

Нақле дар ин маврид ҳаст, ки шӯҳрати донишмандии Умари Хайём аз Самарқанд ба Бухоро, ба гӯши Шамсулмулк Носир расид. Хони Бухоро Шамсулмулк, ки аз ҳомиёни аҳли илм буд, Хайёмро хеле воломақом пазирой менамояд. Ҳатто Хайёмро хоқон дар паҳлӯи худ ҷой дода бо вай сӯҳбат кардааст. Сипас, шароити хуби кор барояш таҳия менамояд. Шӯҳрати ӯ зиёдатар мегардад. То ба дараҷае, ки Хайёмро ҳукмдори салҷуқӣ-Маликшоҳ бо маслиҳати вазири донои хеш-Низомулмулк, ба Хуросон даъват мекунад. Ҳамин тавр, соли 1074 ба Исфаҳон омада дар ин ҷо расадхонае таъсис менамояд. То соли 1092, то соли вафоти Низомулмулк ва Маликшоҳ дар он кор мекунад. Соли 1114 дар Марв будааст. Соли вафоти Умари Хайёмро 4 декабри 1121 сабт кардаанд.

## Умари Хайём чанд қабр дорад?

Моҳи марти соли 2000-ум бо қарори ЮНЕСКО бахшида ба 900 солагии мавлуди Умари Хайём дар Эрон кунгураи байналхалқӣ барпо гашт. Дар он аз Ӯзбекистон муҳаққиқ Суйима Ғаниева иштирок дошт. Ӯ дар ин бобат ба рӯзномахонҳои мо хабар дода, аз ҷумла маълум кард, ки Умари Хайём се маротиба дафн шудааст. Бори аввал соли 1121 (1123) дар қабристони Имомзода Мадруқи Нишопур, бори дуввум дар давраи Паҳлавиён аз ҷониби Анҷумани осори миллии Эрон қабри Хайёмро кушода устухонҳояшро дар халтае ҷой намуда,дафн кардаанд. Дафъаи сеюм дар моҳи урдубиҳишти соли 1938 дар ҷои дигар барои Хайём мақбарае бунёд намуда, аз ҷониби Анҷумани осори милии Эрон хоки шоир ба оримгоҳи дигар гузошта шудааст. Маҳз ҳамин қабри Ҳакими Нишопуриро ширкатдорони кунгура зиёрат карданд».

## Ривояте чанд аз лаҳзаҳои охирини умри Хайём

Солҳои охирини умри Хайём ба замони ҳукумати султон Санҷар рост меоянд. Мегӯянд, ки вақти ҷияни Низомулмулк-Шаҳобулислом вазири Султон Санҷар мешавад Ал-Байҳақӣ аз як мусоҳибаи вазир бо Хайём чунин ёддошт нигоштааст: рӯзе Имом Умар ба ҳузури вазир Шаҳобулислом Абдулраззоқ, писари Абулқосим Абдуллоҳ ибни Алӣ,ҷияни Низомулмулк ташриф овард. Ин ҷо ҳофизи Қуръон, қори Абулҳасан Алғаззолӣ ҳозир буд. Баҳс аз боби тарзи талаффуз ва ташреҳи сурраe аз Каломи Шариф мерафт.Чун баҳс тӯл ёфт, Шаҳобулислом гуфт: ба ҷанобии Имом Умар муроҷиат бояд кард. Ӯ ба тамоми тафсилот он сурраро маънидод кард. Ҳама қоил шуданд ва аҳсант хонданд. Абдулҳасан Алғаззолӣ ба илми Имом Хайём тан дод ва худро муриди донишманд эълом дошт.

Дар боби фавти Умари Хайём Албайҳақӣ чунин ҳикоят ба ёдгор мондааст. Аз ақорибии Умари Хайём Муҳаммад Албағдодӣ нақл кард, ки рӯзе Хайём дандонҳои худро бо мисвоки (дандоншӯӣ) тиллой тоза кардан дошт. Ҳамзамон «Алқонун - фи - тибб»-ро бо диққат мутолиа менамуд. Ҳамин, ки ӯ аз боби «Андар баёни ҳадди тибб ва мавзӯъҳои он, ки андар умури табииянд» ба фасли «Андар баёни ҷинсҳои қувваҳо» расид, мисвок байни авроқ монд ва садо кард: «авроқи тоза ҳозир кунед, то ман васиятнома бинвисам». Аз ҷой бархост, барои ибодат сари ҷойнамоз рафт. Чун намози хуфтан поён ёфт, сар ба саҷда ниҳод ва гуфт: «Худоё, то ҷое, ки имкону тавон доштам, баҳри идроки ту кӯшидам. Маро бахшой, илму донишам аз туст-ин роҳи ман сӯи туст». Ва, ҷон ба ҷонофарин биспурд.

*Хайём, ки хаймаҳои ҳикмат медӯхт,*
*Дар кӯраи ғам фитоду ногаҳ бисӯхт.*
*Ҳайёти аҷал таноби умраш бибрид,*
*Даллоли азал ба ройгонаш бифрӯхт.*

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**муҳаррири шӯъбаи «Овози тоҷик»,**
**Рӯзноманигори шоистаи**
**ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

---

*Таърихамонро меомӯзем*

# Гуйшан — Гесай Косон аст

***Моҳи декабри соли гузашта дар шаҳри Косонсой анҷумани ҷумҳурӣ таҳти сарпарастии ваколатхонаи ӯзбекистонии ташкилоти Фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид — ЮНЕСКО ва хазинаи байналмилалии «Олтин мерос»-и Ӯзбекистон дар мавзӯи «Мақоми Косонсой дар таърихи Фарғона» созмон ёфта буд. Дар анҷуман фикру ақидаҳо ва мулоҳизаҳои илмӣ оиди таърихи пайдоиши Косони қадим мавриди муҳокима қарор гирифт. Мутахассисону олимон баъди баҳсу мунозираҳо доири мавзӯъ ба як хулоса омаданд, ки таърихи Косони қадим ҳанӯз аз давраи ҳукмронии салтанати Даван — Фарғонаи қадим оғоз мeёбад. Дар зер яке аз мақолаҳои илмӣ пешкаши хонандагони арҷманд мегардад.***

Тибқи маълумотҳои таърихӣ робитаҳои иқтисодиву Фарҳангӣ бо роҳи бузурги Абрешим дар асри 11 пеш аз милод оғоз меёбад. Айнан дар ҳамин давра аҳли хонаводаи сулолаи Хани Чин оиди мамлакатҳои ҳамсоя маълумотҳо ҷамъ меоваранд. Алалхусус, замони ҳукмронии 40 солаи императори ин сулола У — Ди (солҳои 141-87 пеш аз милод) омӯзиши мамлакатҳои ҳамсоя ва равобити иқтисодӣ бо онҳо авҷ мегирад. Солҳои 136-125 ва 115-уми пеш аз милод бо Фармони У — Ди сайёҳ ва таърихшинос Чжан Цян ба Туркистони Шарқӣ ва Осиёи Миёна сафар мекунад. Ӯ тамоми минтақаро пиёда сайру саёҳат намуда оиди таърих, ҷуғрофия, мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳо ва деҳот, машғулияти аҳолӣ, боигариҳои ин кишварҳо ҳуҷҷату маълумотҳои пурқимат гирд оварда, ба император Хан тақдим менамояд.

Баъди омӯзишу тадқиқи ҳамаҷонибаи кишварҳои ҳамсоя У — Ди барои истилои ин сарзамин солҳои 104-102 ва 102-99 пеш аз милод таҳти фармондеҳии Ли Гуан Ли ду маротиба лашкар мефиристад. Баъди ҷангҳои дуру дароз ва шадид мамлакати бостонии Даван ба тобеияти сулолаи Хан дохил мегардад. Истилои Даван ба У — Ди боз барои дарёфти иттифоқчиён дар мубориза зидди қабилаҳои кӯчманчии хунн лозим буд. Чунин ақидаро академик В.В.Бартолд пешниҳод карда буд. Тавре ки дар боло зикр шуд, истилои кишварҳои ҳамсоя минҷумла Осиёи Марказӣ барои салтанати Хан барои ба даст овардани боигариҳои ин кишварҳо ва кушодани роҳи савдою тиҷорат яъне Роҳи бузурги абрешим бо мамлакатҳои ғарб лозим буд.

— «Сокинони Даван мардуми муқимнишин буда, асосан бо зироаткорӣ машғуланд. Киштукори асосӣ гандуму шолӣ мебошад. Онҳо инчунин бо токпарварӣ машғул буда, аз меваи он шарбату шароби фаровон мегиранд... Шахсони бизоатманди Даван дар хонаҳои худ то 10 ҳазор дан (1 дан — 100кг) шарбату шароби ангур нигоҳ медоранд. Дар салтанати Даван 70 шаҳри калону хурд вуҷуд дорад», — навишта буд муаррих Чжан Цян. Ҳамчунин бино бар хабари Чжан Цян шаҳрҳои калонтарини Даван Эршӣ (деҳаи ҳозираи Мингтеппаи ноҳияи Марҳамати вилояти Андиҷон), Ю (харобаҳои деҳаи Шӯробашоти назди шаҳри Ӯзгани Қирғизистон) ва Гуйшан ё худ Гесай — шаҳри қадимии Косон будааст. Таърихшиноси дигари Чин Бей — Шу дар бораи Гуйшан чунин навиштааст: «Лона мулки қадимии Даван буда, пойтахти он дар шаҳри Гуйшан ҷой гирифтааст» (А.Н.Бернштам «Древняя Фергана» саҳ.16).

Гуйшан — Гесай айнан номи чинӣ будани шаҳри Косонро олимони маъруфи шарқшинос ва таърихшиноси рус, академикҳо В.В.Бартолд ва А.Н.Бернштам тасдиқ намудаанд. Фикри худро ривоҷу тақвият дода, А.Н. Бернштам менависад: — «Маркази сиёсии онвақтаи кишвари Фарғона шаҳри Косон бо лафзи чинӣ Гуйшан, яъне Кушон буда, дар қисмати шимолии Фарғона ҷой гирифтааст. Харобаҳои ин шаҳр то имрӯз боқӣ мондааст. Косони қадим дар сарҳади Фарғонаи муқимнишин ва қабилаҳои кӯчманчӣ, дар водии доманаи қаторкӯҳи Чотқол, ки баландиҳои Алобуқо ба водии Фарғона пайвастааст, қомат афрохтааст. Ин шаҳр дуюмин пойтахти Фарғона буда (баъди шаҳри Эршӣ) дар худ иттиҳоди қувваҳои ҳарбӣ — сиёсӣ ва иқтисодии Фарғонаро муҷассам сохтааст. Косони қадим истеҳкоми мустаҳками бо деворҳои баланди аз хишти хоми калон-калон дар болои теппаи баланд сохта шудаву бо хандақҳои чуқур иҳота гардида ба шумор меравад. Иқтидори мудофиавии деворҳои шаҳрро боз ҷарии нишеби ба соҳили дарё пайваста, ки алҳол ин рӯд Косонсой ном дорад, мустаҳкамтар мекард. Дохили қалъа оташи доимо фурӯзони ибодатхонаи зардуштиён мавҷуд буд, ки онро оташхона ё худ оташкада меномиданду аз он то мо хокистари ғафси сафедчатоб расида омадааст», — навишта буд А.Н.Бернштам. («Древняя Фергана», саҳ. 19.)

Академик В.В.Бартолд ҳам дар асари худ «Тадқиқотҳои умумӣ оиди таърихи Осиёи Миёна» айнан шаҳри Косон будани Гуйшан ва Гесайро тасдиқ намудааст. (В.В.Бартолд, «Общие работы по истории Средней Азии» саҳ. 176.) Ҳамчунин олимони маъруфи таърихшинос Н.Я.Бичурн, Щербина — Крамаренко, А.Брянов, Б.Ғафуров, Ю.Заднепровский дар тадқиқотҳои хеш Косон будани Гуйшан-Гесайро инкор накардаанд ва оиди ба марҳалаи маданияти қадимии Даван алоқаманд будани бозёфтҳои бостоншиносии Косони қадимро тасдиқ намудаанд.

Билохир, маълумотҳои муаррихони Чин,натиҷаи ҳафриётҳои солҳои 1946, 1948,1951, 1983, 1990, ки аз ҷониби бостоншиносону таърихчиён дар харобаҳои Косони қадим гузаронида шудааст ва асарҳои олимони дар боло зикршударо ба эътибор гирифта шаҳри Косон будани Гуйшан — Гесайро тасдиқ намудан мумкин аст. Ба ин ҳамаи асосҳои илмӣ мавҷуданд.

**Боқиҷон МАТБОБОЕВ,**
**мудири шӯъбаи ҳафриёти Тӯрони Пажӯҳишгоҳи бостоншиносии АУ Ӯзбекистон, номзади илми таърих.**
**Абдулвоҳид НУРИДДИНОВ,**
**журналист, таърихшинос.**

---



# Мизоҷони «Дарҳақиқат» меафзоянд

Фирмаи хусусии «Дарҳақиқат» дар хоҷагии ширкатии «Гулистон»-и ноҳияи Ҷондори вилояти Бухоро фаъолият пеш мебарад ва ба созмон ёфтани он вақти зиёде нашудааст. Ба ин нигоҳ накарда комёбиҳои калони меҳнатиро ба даст меоварад.

Бояд тазаккур дод, ки ташаббускори созмон додани ин корхонаи хурд тардбиргар Салом Исматов буда, барои тармими насосҳои сӯзишворӣ ва муҳаррикҳои барқӣ тахассусонида шудаасту даҳ нафар босамар фаъолият пеш мебаранд.

Як далелро алоҳида қайд кардан лозим меояд: коркунони корхонаи хурд ба тармими насосҳои сӯзишвории автомобилҳои сабукраву боркашони хориҷисохт ҳам шурӯъ карданду аз ҳамин сабаб шумораи мизоҷон пайваста зиёд мегарданд. На танҳо аз Бухоро, балки аз вилоятҳои Қашқадарё, Навой, Самарқанд, Хоразм ҳам мизоҷон меоянду аз кори хушсифати тармимгарон мамнун шуда бармегарданд.

Азбаски кор хуб аст даромад ҳам пайваста баланд мегардад. Соли гузашта фоидаи соф ба 6 миллион сӯм баробар шуд.

Ба қарибӣ дар вилоят озмун таҳти унвони «Ташаббус-2002» гузаронда шуда, дар он тадбиргар Салом Исматов ҷои дуюмро ишғол намуд.

**Дар сурат:** сарвари корхонаи хурд **Салом ИСМАТОВ** ва тармимгар **Шойим НАЗАРОВ.**

**Аксбардор: Собир ЗУФАРОВ (ӮзА).**

---

# Ғолибон

Дар ноҳияи Киргилии вилояти Фарғона озмуни сарварони дастаҳои ноҳияҳо баргузор гардид. Дар он ғолибони мактабҳои ноҳияҳои Риштон, Фарғона, Сӯх, Охунбобоев, Қувва шаҳрҳои Қувасой, Марғилон, Киргилӣ ва Олтиариқ маҳорати худро намоиш доданд.

Аз рӯи барномаи озмун ҳайати ҳакамони намоишҳоро мушоҳида карда, ба маҳорати иштирокдорон, холисона баҳо доданд. Ҷои якум ба (79 хол) дастаи мактаби рақами 4 ноҳияи Сӯх (роҳбари даста Турсуналӣ Нишонов, ҷонишини директор оид ба маърифат ва маънавият М.Мирзобеков), ҷои дуюм ба шаҳри Қувасой дода шуд.

Толибилмони мактаби рақами 4 ба шарти«Ватан саҷдагоҳ каби муқаддасдир» ҷавобҳои саҳеҳ доданд.

Хусусан, аъзои фаъоли дастаи «Сияҳгӯш»-и мактаб Дилдора Мастонова ва Муҳайё Нуралиева бо шеъру сурудаҳо ҳозиронро хушнуд намуда, сазовори таҳсину офаринҳо гардиданд. Аз рӯи шарти чоруми озмун «Бозиҳои миллӣ» — бозиҳои шакакбозӣ, тӯбча, филдироқ, аспакбозӣ, арғамчинбозӣ, сангбардорӣ, ҳалаки чӯб (дангалбозӣ), мелабофӣ, донакбозӣ, лаппакбозӣ, ламкабозӣ, лӯлаболишт, хурӯсҷанг, гӯштингирӣ, мактабиён тамошобинон ва ҳайати ҳакамотро дар ҳайрат гузоштанд.

Азму талош ба намоишдорони бозиҳои анъанавии қадимӣ ва маҳорати баланди аъзоёни даста гувоҳи он аст, ки эшон дар озмуни вилоятӣ низ иштирок намуда, ҷои муносибро соҳиб мегарданд.

**Р. ҲИСОМОВ,**
**Т. ҲУСЕЙНОВА.**

---

# Олим, мураббӣ, шоир

Дар диёри олиму шоирхези Бойсун баҳори соли 1942 Рӯзимурод Қаландаров таваллуд ёфт. Падараш Қаландар Қурбонов аз саводхонҳои давраи худ буд. Дар қишлоқҳо баҳри бунёди колхозҳо фаъол иштирок намудааст. Модараш Қурбоной Қаландарова бошад, якумр дар колхоз хизмат намуда, бо тарбияи фарзандон шуғл варзида, соли 1999 дар синни 87 солагӣ вафот кард.

Рӯзимурод Қаландаров дар мактаби рақами 2 ба номи Т.Сайдалиев (собиқ «Правда») -и шаҳри Тирмиз таҳсил намуда ва онро бо баҳои аъло хатм кард. Соли 1962 ба факултаи механикаи Институти бофандагии Тошканд дохил шуда, онро бо дипломи имтиёзнок хатм кард.

Аз сабаби аъло хатм намудани институт ӯро дар донишгоҳҳои гуногуни техникии ҷумҳурӣ ба кор даъват намуданд. Лекин ӯ дар корхонаҳои саноатӣ бо ҳар гуна механизм, машина ва дастгоҳҳое, ки ҷараёни корашон гуногун аст, кор карданро орзу мекард. Аз ҳамин сабаб ӯ дар корхонаҳои пахтатозакунии вилояти Сурхондарё бо роҳхат ба кор омад.

Қаландаров корҳои заводи пахтатозакуниро дар муддати кӯтоҳ пурра омӯхт. Баъди хизмати ҳарбӣ Р.Қаландаров боз ба заводи пахтатозакунии Тирмиз ба кор меояд.

Соли 1972 шомили аспирантура гардид. Барои ин ӯ аввал бо муаммоҳое, ки барояш маълум буду дар мамлакатҳои хориҷӣ ин муаммоҳо аллакай ҳалли худро ёфта буданд, шиносой пайдо намуда, технологияи нав, ки нишондодҳои ҳосилдориашон баланд буд, омӯхт. Ӯ ҳангоми таҳсил дар аспирантура дар заводҳои пахтатозакунии Тирмиз ва Ҷарқӯрғон солиёни зиёд таҷрибаҳо гузаронда, асосан ба нишондодҳои сифати нах ва ҳосилдории машинаҳои ғӯлагӣ эътибор дода, бо воситаи таҳлилҳои чуқур хулосаҳои даркориро ба заводҳои пахтатозакунӣ тавсия менамуд.

Дар ҳамин гуна вазъият ҷустуҷӯҳои назарӣ ва амалӣ дар муддати таҳсил дар аспирантура ҳосили худро дод, яъне Қаландаров рисолаи номзадии хешро аз муддат пеш тайёр намуда, ба муҳокима мегузорад ва онро ба шӯрои илмии институти мазкур барои ҳимоя намудан пешбарӣ менамояд. Сипас, боз ба корхонаҳои пахтатозакунии вилоятамон ба кор бармегардад.

Аз соли 1977 то инҷониб дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз фидокорона фаъолият нишон медиҳад. Дар ин давра як қатор дастурҳои методии хонишро дар соҳаҳои гуногуни фанҳои техникӣ таълиф намуда, дар ҷараёни хониш татбиқ намудааст. Аз ҷумла, муаллифи «Андозаҳои техникӣ», «Деталҳои машина», «Назарияи механизм ва манишаҳо» ва боз муаллифи чандин асарҳои дастурию методӣ мебошад. Ба ғайр аз ин як қатор мақолаҳои илмии ӯ дар маҷаллаҳои оммавии мамлакатҳои хориҷӣ (русия, Қирғизистон) ва ҷумҳурӣ оид ба саноати пахтатозакунӣ нашр шудаанд.

Профессор Қаландаров дар айни замон дар шароити заводҳои пахтатозакунии вилоятамон корҳои амалӣ ва илмиву назарии калонро таҳлил намуда, бо хулоса ва маслиҳатҳои муфиди хеш баҳри баланд бардоштани самаранокӣ ва сифатнокии маҳсулот ҳиссаи муносиби худро мегузорад. Ҳамин тавр, дар натиҷаи тадқиқотҳои илмие, ки гузаронид хулосаҳои умумии назарӣ ва амалии хешро ба заводҳои пахтатозакунии Қизириқ ва Ангор (ғӯлагӣ), Деҳнав ва Узун (аррагӣ) тавсия намуда, корҳои тадқиқотӣ ва як қатор санҷишот гузаронид, ки он асоси кори диссертатсияи доктории ӯро ташкил менамоянд. Чунин тадқиқотҳои илмӣ дар ҳаҷми нисбатан калонтар дар шароити корхонаҳои пахтатозакунии ғӯлагӣ ва аррагии ноҳияҳои Шерободу Ҷарқӯрғон низ санҷида шуд, ки онҳо низ натиҷаҳои дилхоҳ доданд.

Р.Қаландаров фақат бо фаъолияти илмӣ маҳдуд нашуда, дар соҳаи адабиёти бадей низ қалам ронда, ҳикояву ҳаҷвия ва шеърҳо эҷод намуда, дар рӯзномаҳои донишгоҳ ва вилоятамон чоп намудааст. Соли 1996 маҳсули адабии ӯро ҷамъ намуда, нашриёти «Ҷайҳун»-и вилоятамон маҷмӯаи «Назаре ба само»-ро аз чоп баровард, ки аз тарафи хонандагон хеле хуб пазируфта шуд.

Соли 1997 профессор Р.Қаландаров оид ба таърихи деҳаи Панҷоби ноҳияи Бойсун як асари таърихӣ-этнографӣ, ки ҳама урфу одат, анъанаҳои мардуми ин диёрро дар худ таҷассум намудааст, офарид. Ин асари таърихӣ на фақат дар инъикоси таърихи Бойсун, балки дар омӯхтани таърихи вилоятамон низ хизмат хоҳад кард. Барои офаридани ин асари таърихӣ ӯ солҳои тӯлонӣ заҳмат кашид ва хушбахтона дар байни таърихшиносон ва омма баҳои сазовор гирифт. Соли 1993 низ боз як асари бадеии ӯ бо номи «Тақдир» дар нашриёти «Ҷайҳун» аз чоп баромад.

Бале, хизматҳои олим, мураббӣ ва шоир Р.Қаландаров дар соҳаи илму маърифат қадр дорад. Ӯ як лаҳза аз эҷод, аз ихтирову тадқиқот даст накашидааст. Мо ҳам ба ин ниятҳои неки олим ҳамроҳ шуда, ӯро бо синни муборaки шаст самимона табрик намуда, ба ӯ тансиҳативу хотирҷамъӣ бахту саодат ва ба хизматҳояш дар ривоҷу равнақи Ватан комёбиҳо таманно дорем.

**Ю. ВАЛИҚУЛОВ,**
**Х. ДӮСТЁРОВ,**
**дотсентони Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

